# ИЖЕВСК – ШАҲРИ ДӮСТӢ

***- Ҳамватанони мо дар Ижевск чӣ ҳол доранд? – пас аз шиносоӣ пурсидам аз раиси фахрии ҷамъияти тоҷикон «Ориён –тоҷ», ки чанде пеш аз ин шаҳри Удмуртия ба Тоҷикистон омадааст.***

***- Шукр нагз, он мушкилиҳое, ки ҳамватанонамон дар шаҳрҳои бузурги Русия доранд, дар мо камтар аст», - посух дод Айниддин Талбиев бо хоксорӣ.***

***Тавре дар рафти суҳбат маълум шуд, ӯ барои баргузор кардани тӯйи арӯсии писараш Аслиддин ба Тоҷикистон омада ва акнун мақсади дар чанд рӯзи оянда баргаштан ба Удмуртия - ватани дуюми худро дорад.***

***- Ин қадар зуд бармегардед? Кай омада будед? – кунҷковӣ карда пурсидам то заминае барои идома суҳбат фароҳам шавад.***

***- Гӯё дирӯзак омада будам, вале алакай қариб ду моҳ шуд. Кори зиёдеро ҳам ба анҷом расонидам. Писарро хонадор кардем, хешу таборро дидем. Агарчи аҳли хонавода инҷо ҳастанд, вале эҳсос мекунам, ки боз чизе дар рӯзгорам намерасад. Аз соли 1994 дар Русия кору зиндагӣ мекунам. Аз зарурат ба обу ҳавояш ҳам одат кардаем…***

***Суҳбати мо бо меҳмони идора, ки ӯро бори аввал медидам ба ин тартиб маҷро гирифт ва мо ба мавзӯъҳои дигар гузаштем.***

### Удмуртия моро мешиносад

***Бино ба гуфтаи ҳамсуҳбатам дар ин минтақаи Русия тақрибан 2 ҳазор ҳамватанони мо кору зиндагӣ мекунанд. Бар иловаи тоҷикону ӯзбекҳо, русҳо, украину тоторҳои дар гузашта аз Тоҷикистон рафта низ, ба унвони тоҷикистонӣ шинохта шуда, дар чорабиниҳои баргузорнамудаи ҷамъият иштирок мекунанд.***

Айниддин ёдовар мешавад, ки раванди муҳоҷират поён наёфта, ҳоло ҳам ҷавонон пас аз хатми мактаб ё пас аз хидмати аскарӣ дар Тоҷикистон барои кор ба Русия сафар мекунанд ва аз ҷумла ба Ҷумҳурии Удмуртия .

Ӯ гуфт: - Аввали солҳои 2000 корҳое шуд, ки ӯ ва чанд тан аз тоҷикистониҳоро маҷбур кард, барои дуруст шиносондани ҳамватанон иқдом ба таъсиси созмоне барои ҳимояти эътибору ҷойгоҳи ҳамватанон худ кунанд.

Барои мисол, 18 феврали соли 2000 яке аз каналҳои телевизионии Удмуртия гузорише дар бораи муҳоҷирон пахш кард, ки ба ҷӯгиҳои Ижевск бахшида шуда буд ва онҳо худро тоҷик ва ҷабрдидаи ҷанг муаррифӣ мекарданд.

Айниддин ба ёд овард: - Ман зуд ба ин намоиш вокуниш нишон дода ба андешаҳои гузоришгар ва ҳамчунин иддаоҳои ҷӯгиҳо эътироз намудам.

Фаҳмондам, ки ин қабила ҳар ҷо ки бошанд, хоҳ дар Тоҷикистон ё кишвари дигари Осиёи Марказӣ ва акнун дар Русия шуғли дигаре ба ғуз талбандагӣ надоранд ва ҷанг инҷо фақат барояшон баҳона шудааст. Баъд ба кормандони телевизион гуфтам, ки тоҷикон одобу фарҳанг ва тарзи зиндагии маъмулӣ доранд ва агар лозим бошад ба манзили ман оянд ва бо ман ҳамсуҳбат шаванду шароити рӯзгорамро бубинанд, то бинандаи барномаи телевизион бардошти дурусту воқеӣ дошта бошад. Баъди чанде ҳамин тавр ҳам шуд.



Эраҷ Боев (аз чап ба рост) директори музеи ҳарбӣ-таърихии шаҳри Нижний Новгород, Владимир Завалин, собиқ вазири сиёсати миллии ҷумҳурии Удмуртия, Аҳлиддин Талбиев, раиси ҷамъияти тоҷикони «Ориён-тоҷ».

Аммо то таҳияи ин барномаи ГТРК - и «Удмуртия» мо бо рӯзномаҳо низ алоқа барқарор карда, мусоҳибаҳо нашр кардем. Пас аз чопи ин мақолаву гузоришҳо аз байни донишмандони руси Удмуртия шахсоне пайдо шуданд, ки аз мо пуштибонӣ карданд зеро таърихи моро медонистанд. Ҳамзамон бо он ки созмони мо ба фаъолият оғоз кард, ин шахсиятҳо, ки нисбат ба миллатҳои сокини Удмуртия меҳри хос доштанд, аз ҷумлаи аввалин фаъолони маҳфилҳои фарҳангии мо шуданд.

Масалан донишмандон Шепталин Алексей Александрович – таърихшинос, собиқ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Удмуртия, ки бемуҳобот таърихи тоҷиконро аз худи мо нағзтар медонад, ё Пронина Надежда Михайловна - корманди Китобхонаи миллии Удмуртия, ки бо намояндагони ҳамаи миллиятҳо, аз ҷумла нисбати мо назари некбинона дорад, аз шахсиятҳои ба мо наздику мададрасон ҳастанд. Дар марҳалаи аввали фаъолиятамон Завалин Владимир Николаевич, ки вазифаи вазири сиёсати миллии Ҷумҳурии Удмуртияро бар уҳда дошт, бо мо чун дӯсту бародар барои ҳалли мушкилотамон мусоидат мекард. Бо ёрии ӯ буд, ки дафтари кории ҷамъияти «Ориён- тоҷ» дар бинои «Дружба народов», ки як бинои маъмурӣ дар маркази шаҳр аст, ҷой гирифт ва дар муддати қариб 20 соли фаъолият аз тамоми хароҷоти коммуналиву иҷорапулӣ озод аст. Ҳоло ин мард дар ҳаёт нест, аммо ҳар боре маҳфил ва ҷамъомаде баргузор кунем, аз ӯ ба некӣ ёдовар мешавем ва дар ҳаққаш дуои хайр мекунем.

Акнун дар ин мақом Буранова Лариса Николаевна аст, ки ӯ низ бо риояи анъанаҳои неки ҳамкорӣ бо ҷамъиятҳои миллӣ содиқона кор мекунад ва бо мо ҳам алоқаи хуб дорад.



Фирӯза Умарова, директори боғчаи шаҳри Ижевск бо бачагон

### Ижевск ба Душанбе монанд аст

***Зеро шаҳри ҷавон ва хушобу ҳавост. Аз рӯйи шумораи аҳолӣ (қариб 700 ҳазор нафар) маркази Удмуртия бистумин шаҳри Федератсияи Русия буда, аз соли 1918 ҳамчун пойтахти ин ҷумҳурӣ аст.***

Айниддин мегӯяд: - Шояд бинобар монанд буданаш бо Душанбе мо, тоҷикҳо ба он меҳр бастаем. Агарчи таърихи қадимӣ дорад, аммо шаҳри сарсабз ва ҳозиразамон аст. Аз миёнаи шаҳр рӯди Иж ҷорист, вале бо фарқ аз рӯди Душанбе оби он ҳамеша соф ва бо як маром равон буда, ҳавои шаҳрро поку тоза нигоҳ медорад. Дигар фарқияти Ижевск дар он аст, ки дар ҳамворӣ доман паҳн кардааст. Аз ин шаҳр то Москва 1200 километр буда, дар шароити коммуникатсионии Русия шаҳри аз марказ дур ба ҳисоб меравад.

Аввалин корхонаи саноатии ин шаҳр бо номи корхонаи таҷҳизоти оҳанӣ дар соли 1760 бунёд шудааст. Дар замони Шӯравӣ ба яке аз марказҳои бузурги саноатӣ табдил ёфта, бо корхонаҳои мошинсозӣ ( автомобили сабукрави «ИЖ», «ИЖ - Комби», мототсикли «ИЖ») ва аслиҳасозиаш (туфанги шикории панҷтира ва автомати АК) нафақат дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ, балки берун аз он ҳам машҳур буд.

### Шаҳр бо одамонаш зебост

***Ҳамсуҳбатам бо ҳикмат ёдовар мешавад, ки тавре одамро сарулибосаш зеб медиҳад, ҳар шаҳрро сокинонаш бо рафтору гуфторашон оро медиҳанд ва зебо мекунанд.***

- Ҳоло мо тоҷиконро дар Ижевск бо шахсиятҳоямон мешиносанд. Ҳамватани мо Мирзо Умаров – узви ҷамъияти «Ориён – тоҷ» аз чунин нафарон аст. Ҳамсараш Фирӯза Баҳодуровна Умарова, зодаи шаҳри Тошканд сарвари яке аз боғчаҳои бачагонаи шаҳр буда, онро ба яке аз муассисаҳои беҳтарини омӯзишу тарбияи кӯдакон табдил додааст. Аз ин сабаб аст, ки ҳоло сокинони шаҳр барои супоридани фарзандони худ ба ин муассиса навбат мепоянд.

Анжелика Тошмуҳмедова дар Душанбе таваллуд ёфта ( набераи аввалин генерали тоҷик Мастибек Тошмухамедов), дар солҳои ноороми бо модараш ба ин ҷо кӯчида омада, солҳои зиёд аст, ки дар ин шаҳр кору зиндагӣ мекунанд. Анжелика ҳоло хабарнигори шабакаи телевизионии ГТРК «Удмуртия» буда, аз иштирокчиёни барномаҳои фарҳангии ҷамъияти мост.

Эраҷ Бегиҷонович Боев, директори Музейи таърихии ҳарбии шаҳри Нижний Новгород аз чеҳраҳои барои ҳар тоҷикистонӣ ошност.

Айниддин ёдовар шуд, ки ӯ январи соли 2010 бо даъват ва дастгирии сафорати Тоҷикистон дар Русия ба Душанбе омада дар Форуми соҳибкорон иштирок ва аз толор суҳбат кард. Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суханонашро хуш пазируфт ва бо ҳидояти он кас дар ин сафари кӯтоҳмуддати худ ба минтақаи Рашт сафар карда, дар шаҳраки Ғарм бо падараш, ки аз рӯйи нақли модараш ғойибона медонист, вохӯрд.

То ин вақт Эраҷ, ки падараш тоҷик буда, дар шаҳраки Ғарм таваллуд ёфт, Тоҷикистонро надида буд. Ӯ дар тарбия ва тахти сарпарастии модараш дар Нижний Новгород бузург шуда, падарашро ҳам аз рӯйи нақли модар мешинохт. Пас аз сафар ба зодгоҳ ва ватани падарии худ Эраҷ ба ин кишвар ва мо, ҳамватанонаш меҳру рафоқати бештар пайдо кард.

Ҷамъият аз ҳама зиёдтар бо ӯзбекони муқими ин ҷумҳурӣ алоқаи дӯстона ва рафоқату бародарӣ дорад. Сарварони ин қавм Оқсақол Ҳаким-ака ва насли ҷавони онҳо Муҳутдин ва Марат, ки аз Намангону Хоразми Ӯзбекистон ва шаҳри Ҷалолободи Қирғизистон омадаанд, бо ҳамдигар ҳамшину ҳамхез буда, ба қавле дар ғаму шодии якдигар шариканд.

Мо бо ин шахсиятҳо фахр мекунем ва онҳо низ худро аз мо ҷудо намедонанд.

Тавре маълум шуд, ҷамъият нафақат бо тоҷикистониҳо ва дӯстони онҳо, балки бо намояндагони дигар қавму миллатҳои сокини Удмуртия ҳам робитаи наздик доранд. Дар чорабиниҳояшон иштирок мекунанд ва ба ҳар



маҳфилу ҷамъомаде, ки баргузор мешавад, онҳоро низ даъват менамоянд.

### Ҷавонон ба омӯзиш ҳидоят мешаванд

***Ҳамсуҳбатам дар идома гуфт, ки як бахши кори ҷамъият ҳидояти ҷавонон ба омӯзиши касб аст.***

Айниддин таъкид кард, ки дар гузашта худаш ҳам пас аз хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати муаллими фанни таърих дар шаҳри Бохтар (Қӯрғонтеппаи пешина) кор мекард, ноорамиҳо сабаби касод шудани системаи таълиму тарбия дар мактабҳо ва бекор монданаш шуд ва ӯ марти соли 1994 ба Русия муҳоҷират кард. Чанд муддат дар бозор майдафурӯшӣ ҳам кард (меваи хушк мефурӯхт). Пас аз он дар яке аз омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии Ижевск кор пайдо кард.



Анжелика Тошмухаммедова, хабарнигори телевизиони давлатии «Удмуртия»

- Ман қадри одамони таҳсилдидаро медонам, бинобар ин кӯшиш мекунам, насли ҷавоне, ки аз Тоҷикистон ба Русия меоянд, ҳадди ақал дар ҷойе таълим гиранд. Бо ин мақсад аз алоқае, ки бо маъмуриятҳои ин муассисаҳои омӯзишӣ дорам, истифода мекунам. Ҳоло чанде аз бачаҳои ҳамватанони мо дар техникуму омӯзишгоҳҳои шаҳр мехонанд.

Барои гум нашудани робитаҳо писараш, ки дар Русия буд, бо квотаи ҷамъияти муҳоҷирони Русия ба Тоҷикистон барои таҳсил фиристода шуд ва ҳоло донишҷӯи соли чоруми факултети физикаю математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аст.

Ба гуфтаи ӯ тоҷикони Ижевск дар корхонаҳо, бозаҳои мевафурӯшӣ ва занҳо дар ошхонаҳо ба кор машғуланд. Барои қабули корҷӯёни тоҷик ва таъмини кори онҳо дар «Овощная база» - и шаҳри Ижевск директори он Жуйков Анатолий Васильевич нақши бузург дорад.

Ҷамъият бо ниҳодҳои расмии Тоҷикистон дар Русия дар робитаи зич буда, дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва баҳсҳои иқтисодии муҳоҷирон саҳм мегирад.

«Ориён -тоҷ» фаъолони худро дорад, ки соҳибкорон Бобоев Муҳаммадсолеҳ, Назаров Абулқосим, Кӯчкаров Фурқат, Орифов Хайрулло, Қодиров Зокирҷон, Мирзоев Рафтор, Зокиров Иброҳим, Салимов Абдузамон, ки аз шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишвар ба Удмуртия омада сокин шудаанд, дар иҷрои барномаҳои ҷамъият фаъолона иштирок мекунанд.

### Душанбе зеботар шудааст

***Вақти хайрухуш ҳам наздик мешуд. Аммо пеш аз гусел аз ҳамсуҳбатам боз пурсидам:***

- Ҳамчун як тоҷикистонӣ, ки Душанберо дар гузашта ҳам медонистед, имрӯз чӣ фарқияте дар он мебинед?

- Мо аз Ватан дур ҳам бошем, албатта ба ҳар тағйироте, ки дар он мешавад, бетараф нестем. Чанд рӯз пеш ҷиянам, ки дар Душанбе зиндагӣ мекунад, маро бо мошин шабона дар хиёбонҳои шаҳр гардонд. Ободӣ зиёд аст. Сохтмонҳо, боғу гулгаштҳои нав онро зеботар кардааст. Ин ҳам боиси ифтихори мост. Ҳамватаноне, ки аз Тоҷикистон меомаданд, аз ин ободиҳо ва ин сохтмонҳо тавсиф мекарданд. Акнун бо чашмони худ ҳамаашро дидам, дар ҳақиқат кирои таъриф ҳастанд. Як чизи дигарро ҳам бояд зикр кунам, ки муносибат бо одамон дар гузаргоҳҳои фурудгоҳ ҳам беҳтар шудааст. Мисли солҳои пеш бо ҳар баҳона ба онҳое, ки аз Русия меоянд, хурдагирӣ намекунанд ва чизе наметалабанд. Ба ҳар ҳол ман ин бор чунин ҳолати нангинро мушоҳида накардам.

Пас аз хуб шудани муносибатҳо бо Ӯзбекистон ва боз шудани сарҳад бо ин кишвар, бовар дорам, рафтуомад нақлиётӣ бо Русия ва дигар ҷумҳуриҳо зиёд мешавад, ки боиси оромию ободии кишвару мардуми мо хоҳад гардид.

Ҳамсуҳбатам вақти гусел мехост боз чизе бигӯяд, аммо дидам, ки истиҳола мекунад. Пурсидам, ки ягон хоҳиши дигар надоред?

Гуфт: - Пеш аз бозгашт кори зиёде бояд кунам. Ба Бохтар рафта бо хешу табор хайрухуш мекунам, барои дӯстон туҳфаҳо бояд бихарам. Ва дар ниҳоят замони парвозамро дар билети бозгашт бояд муайян кунам. Боз мехоҳам, ки чанд шумораи ҳафтаномаи «Минбари халқ» -ро бо худ барам.

- Кай парвоз мекунед? – пурсидам аз ӯ.

- Ҳоло намедонам. Шояд шаби панҷшанбе ба ҷумъа.

Ӯро дилпур кардам, ки то он рӯз шумораи нави ҳафтанома чоп мешавад ва ҳамчун армуғон чанд дона бо худ хоҳад бурд.

**Солеҳ ЮСУФОВ**